«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д.С.
«__12__» _________ с. 2023

# ХУЛОСАИ

**кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ доир ба диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва мориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Диссертатсияи докторанти PhD-и Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод шудааст.

Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:

Ғаюров Лоиқ Шералиевич соли таваллудаш 1995, хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (зинаи бакалавр солҳои 2013- 2017, зинаи магистаратура солҳои 2017 -2019) мебошад.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли таҳсили 2017-2018 ба ҳайси ассистент оғоз намуда, айни ҳол, ҳамчун саромӯзгори кафедари фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудаи стодааст.

**Роҳбари илмӣ:** - Қурбонов Абдураҳмон Шерович доктори илмҳои фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Ҷаласаи васеи кафедари фалсафаии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** дар муҳокимаи **диссертатсия ба чунин хулоса** омад:

Диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи **«Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон»** таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки он дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад.

Муаллиф дар пажуҳиши мавзуъ таъкид намудааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ аксари миллату давлатҳо барои ҳифзи арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ пурзӯр кардани мавқеи худ азму талош меварзанд. Зеро тамоюли ҷаҳонишавӣ фарҳанги ҳама халқияту миллатҳои ақибмондаро дар заифию устуворӣ имтиҳон мекунад. Роҳи ягона ва асосии ҳифзи ин арзишҳо дар чунин шароит маҳз тавассути илму маориф сурат мегирад. Зеро аксарияти арзишҳо, махсусан арзишҳои фарҳангӣ тавассути илм ва маориф дар раванди таърих аз насл ба насл ба мерос гузаштааст. Бинобар ин, ба ҳар як миллату давлатро зарур аст, ки барои нигоҳдорӣ ва таъмини рушди ҷомеаи оянда аз имрӯз барои фаъолияти муштарак ва самаранокии соҳаҳои илму маориф талош намоянд. Мусаллам аст, ки барои таъмини рушди ин падида ҷомеа ба мутахассисони ҳирфаӣ ва баландихтисоси касбӣ ниёз дорад, ки ин, бешубҳа тавассути низоми маориф амалӣ карда мешавад. Вале иҷрои самараноки вазифаи муҳими таърихиву ҷамъиятии ин ё он миллат, халқият ва давлат аз тарафи маориф танҳо дар якҷоягӣ бо илм имконпазир мегардад. Тамоюли мазкурро раванди боҳамалоқамандии илму маориф ё интегратсияи илм ва маориф меноманд.

Зарурати таҳқиқи масъалаи ҳамгироии муосири маориф ва илм, аз як тараф, бо равандҳои объективии иҷтимоие, ки дар ҷаҳони имрӯза ба амал меоянд, алоқманд бошад, аз тарафи дигар, ихтилофи дохилии сатҳи рушди маориф ва системаи илмии кишвари мо дар шароити тағйироти ҷомеаи муосир, номувофиқ будани сатҳи рушди низоми маориф ва илм, набудани таҳқиқоти муфассали муназзами ҳамаҷонибаи мушкилоти ҳамгироии маориф ва илм дар асоси андешмандии фалсафӣ шарт меёбад.

Ҷомеаи муосир дар марҳалаи муҳимми таърихӣ, гузариш ба зинаи нави инкишофи худ – ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорад. Ҳамзамон, бо

вусъат гирифтани тамоюли ҷаҳонишавӣ, авҷгирии бӯҳрони маънавӣ ва ахлоқӣ, афзоиши нобаробарии гуногуни иҷтимоӣ миёни давлатҳо соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои давлатиро ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ месозад. Ин, дар навбати худ, талаб мекунад, ки институтҳои иҷтимоии давлат ба ҳалли проблемаҳои бӯҳронии ҷомеа ба монанди таълиму тарбия, вусъат бахшидани сатҳи некӯаҳволии иҷтимоиву иқтисодӣ ва равонии ҷомеа нигаронида шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи баҳамалоқамандии илму маориф ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии он дар шароити кунунӣ зарурӣ мебошад, зеро нақши илму маориф дар рушди давлат ва ҷомеа афзоиш ёфта, амалигардонии ҳадафу манфиатҳои давлат бе интегратсия (ҳамгироӣ)-и онҳо ғайриимкон мебошад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муаллиф ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ тавсияшуда нашр шудаанд**

1. Ғаюров Л.Ш. Интегратсияи илм: зарурат, ҳадафҳо ва мушкилот (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) // [Матн] / А.Ш. Қурбонов, Л.Ш. Ғаюров / Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – №4 (76) 2021, – С. 219–229.
2. Ғаюров Л.Ш. Ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих. // [Матн] / Л.Ш. Ғаюров Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – №2 (78) 2022, – С. 291–303.
3. Ғаюров Л.Ш. Таҳлили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамгироии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Матн] / Л.Ш. Ғаюров / Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – №4 (80) 2020, – С. 223–234.

**Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо**

4. Ғаюров Л.Ш. Ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ // [Матн] / А.Ш. Қурбонов, Л.Ш. Ғаюров / Маҷмуаи маводи конфронси илмӣ – назариявӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва соли 2025 соли ҳифзи пиряхҳо. (ДДК) 11-14- уми апрели соли 2023– Кӯлоб – 2023.
5. Ғаюров Л. Ш. Давалатова Ф. Ҳамгироии илм ва маориф: зарурат ва имкониятҳо // [Матн] / А.Ш. Қурбонов, Л.Ш. Ғаюров, Ф. Давлатова / Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: "Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд", ДМТ, факултети фалсафа, 2021. –Душанбе, 2021. –С.34-44.
6. Ғаюров Л.Ш. Мавқеи илм ва маориф дар таъмини амнияти иҷтимоӣ // [Матн] / Л.Ш. Ғаюров маводи конференсияи ҷумҳуривии илмию амалӣ дар мавзуи «Амнияти иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми рушди устувор» дар МТС НПҶТ (ш.Душанбе, 29-декабри соли 2021).
7. Ғаюров Л.Ш. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ – фалсафии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф // [Матн] / Ғаюров Л.Ш., Камолов. Ш., Раҳмонов З. / Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмию амалӣ дар мавзуи "Вазъи илм ва маориф дар шароити Истиқлоли давлатӣ". МТС НПҶТ. - С. 109-121.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои рушди илму маориф ва технолгияҳои навин дар мамлакат саҳми хешро мегузоранд. Рисолаи таҳқиқотии пешниҳодшуда барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи фаҳмиши фалсафии мафҳуми ҳамгироӣ, зарурати ҳамгироии илм ва маориф дар ҷомеа, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи коркардҳо, инчунин, дар муайян намудани равишҳои фанҳои нави фалсафаи илм ва маориф истифода карда шаванд. Маводи таҳқиқотии дастрасшударо метавонанд муҳаққиқону

нафароне, ки дар соҳи фалсафаи илм ва маориф пажуҳиш менамоянд ба таври васеъ истифода баранд. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, гносеология, антропология ва ғайра истифода кард.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Саҳми шахсии докторанти дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи докторант ба шумор мерав족.

Ғаюров Лоиқ Шералиевич аз уҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашудаи муаллиф мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи илмҳои фалсафа, фалсафаи маориф, фалсафаи илм, инчунин ташаккули системаи илм ва маорифи ватанӣ саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои фалсафӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани таҳқиқотҳои илмӣ ва баланд бардоштани

донишҳои нави илмӣ ва рушди қобилиятҳои нави эҷодии мутахассисони оянда аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи: «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки онро метавон барои даври дуюми экспертизаи муассиса пешниҳод намуд.

Дар маҷлис 23 нафар омӯзгорон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳии кушода ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. ба тариқи зайл сурат гирифт: «тарафдор» 23 - нафар, «муқобил», - нест, «бетараф» - нест.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Протоколи №11/1 аз 10 июни соли 2023) қабул карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи фалсафаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.с., дотсент: Абдуллоев Н.С.

Котиби илмӣ:
муаллими калон: Ҳасанов М.М.

Имзои мудири кафедраи фалсафа,
н.и.с., дотсент Абдуллоев Н. ва
Ҳасанов М.-ро тасдиқ менамоям:
сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи
А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj